# Тақриз

**ба фишурдаи рисолаи Раҳимов Холмаҳмад Баротович "Ҷустори ҳунарии Лоиқ Шералӣ дар шеъри муосири тоҷик ва фардияти эҷодии ӯ" аз рӯйи ихтисоси 10.01.01- Адабиёти тоҷик барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ Душанбе-2018**

Лоиқ Шералӣ яке аз шоирони барҷастаи адабиёти муосири тоҷик мебошад, ки дар қатори адибони машҳури ин давраи адабиёт чун Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода, Фазлиддин Муҳаммадиев, Ҷалол Икромӣ ва дигарон дар дохилу хориҷи Тоҷикистон шинохта шудааст.

Хусусиятҳои хоси мундариҷавӣ, ғоявӣ ва жанриву бадеии ашъори Лоиқ аз оғози фаъолияти эҷодиаш то имрӯз диққати муҳаққиқонро ба худ ҷалб карда истодааст. Вобаста ба ин масъалаҳои зикргардидаи ашъори Лоиқ то имрӯз аҳли таҳқиқ А. Сатторов, М. Шукуров, А. Сайфуллоев, Ю. Акбарзода, У. Ғаффоров, Гулназар В. Элбоев, М. Аҷамӣ ва дигарон дар рисолаву мақолаҳои алоҳидаи худ изҳори ақида намудаанд.

Фардияти эҷодӣ ва мақоми Лоиқ Шералӣ дар таърихи адабиёти муосири тоҷик, ҷараёни ташаккул ва таҳаввули шеъри тоҷикӣ, нотакрории Лоиқ дар услуби нигориш, усули дарки воқеияти зиндагӣ аз тарафи шоир ва монанди инҳо аз масъалаҳое мебошанд, ки дар рисолаи Раҳимов Холмаҳмад Баротович "Ҷустори ҳунарии Лоиқ Шералӣ дар шеъри муосири тоҷик ва фардияти эҷодии ӯ" мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд.

Рисолаи мавриди назар -"Ҷустори ҳунарии Лоиқ Шералӣ дар шеъри муосири тоҷик ва фардияти эҷодии ӯ" аз муқаддима, се боб, панҷ фасл, хулоса ва китобнома, ки ҳамагӣ 176 саҳифаро дар бар мегирад, иборат мебошад.

Дар муқаддима муҳаққиқ доир ба зарурати таҳқиқи мавзӯъ, методикаи таҳқиқот ва арзиши назариву амалии кор бо мисолҳои мушаххас маълумот додааст.

Дар боби аввали рисола, ки "Вазъи адабии солҳои шастуми садаи XX ва вежагиҳои давраи аввали эҷодиёти Лоиқ" ном дорад, диссертант доир ба вазъи иҷтимоӣ ва адабию фарҳангии давраи аввали эҷодиёти Лоиқ, сиёсати ҳамондавраи синфи ҳоким, шаклгирии фардияти эҷодии ӯ ва монанди инҳо изҳори андеша намудааст.

Боби дуюми рисола "Хусусиятҳои эҷодиёт ва ҳунари шоирии Лоиқ" ном дошта, аз се фасл иборат мебошад. Фасли аввали ин боб "Мавзӯоти шеъри Лоиқ ва биниши фардии ӯ" ном дошта, мазмуну муҳтавои шеъри Лоиқ, тафаккури лирикии шоир мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар фасли дуюми боби дуюм, ки "Лоиқ ва ҳуввияти миллӣ" ном дорад, масъалаҳои инъикоси худшиносии таърихӣ ва ҳувияти миллӣ дар эҷодиёти Лоиқ Шералӣ аз тарафи диссертант таҳқиқу таҳлил шудааст. Диссертант дар ин фасл хеле бамаврид қайд мекунад, ки тамоюли худшиносии таърихӣ ва ҳувиятшиносии миллӣ дар эҷодиёти Лоиқ Шералӣ аз шеърҳои ба мавзӯи таърих ва шахсиятҳои таърихӣ бахшидаи ӯ сарчашма мегирад. Ин гуна шеърҳо ҷузъи эҳсос ва андешаи шоир буда, консепсияи ҳувиятшиносии миллиро дар эҷодиёти шоир мушаххас месозанд.

Фасли сеюми боби дуюми рисола "Тасвири табиат дар ашъори Лоиқ Шералӣ" ном дошта, фардияти эҷодии шоир дар заминаи ашъори ба табиат бахшидаи ӯ мавриди таҳқиқу арзёбӣ қарор гирифтааст. Аз тарафи диссертант дар ин фасли рисола нуҳуфтагиҳои дарунии инсон ва алоқамандии он бо табиат дар шеъри Лоиқ хеле хуб таҳлил шудааст.

Боби сеюми рисолаи мавриди назар "Навҷӯиҳои Лоиқ Шералӣ дар навъҳои шеърӣ" ном дошта, аз ду фасл иборат аст. Дар ин боб тозаҷӯиҳои Лоиқ дар шеъри нав ва чаҳорпора мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтааст.

Диссертант дар фасли аввали боби сеюм, ки "Падидаҳои шеъри нав дар эҷодиёти Лоиқ" ном дорад, фардияти эҷодии шоирро дар заминаи ҷустуҷӯҳояш дар шеъри нав хеле хуб муайян ва мушаххас намудааст. Дар ин фасл диссертант ду шакли шеъри навро дар эҷодиёти Лоиқ: нимоӣ ва шеъри озодро мавриди таҳлил қарор додааст, ки яке аз навигариҳои рисола мебошад.

Фасли дуюми боби сеюм, ки "Вежагиҳои чаҳорпораҳои шоир" унвон дошта, ин шакли нави шеърӣ дар заминаи таҷрибаи эҷодии Лоиқ таҳлилу таҳқиқ шудааст. Дар шеъри муосири тоҷик Лоиқ Шералӣ оғозгари чаҳорпора набуд, зеро он маҳсули давраи нави адабиёти тоҷик аст. Аммо диссертант дар ин фасли рисолаи худ навовариҳои Лоиқро дар ин шакли шеърӣ дар заминаи шеърҳои "Ном", "Зарафшон", "Меҳр ва зар", "Зиндагӣ, бинмо ба ман роҳи сафед" ва ғайра ба хонанда пешниҳод мекунад, ки қобили қабул аст.

Дар қисмати хулосаи фишурдаи рисола диссертант хулосаҳои бадастовардаи худро аз натиҷаи тадқиқоти худ дар панҷ қисм баён кардааст,

ки ҷанбаи илмии қавӣ доранд ва натиҷаи тадқиқотро ба қадри имкон ҷамъбаст менамоянд.

Дар баробари комёбиҳо дар матни фишурдаи рисолаи Раҳимов Холмаҳмад Баротович "Ҷустори ҳунарии Лоиқ Шералӣ дар шеъри муосири тоҷик ва фардияти эҷодии ӯ" баъзе камбудиҳо ба чашм хӯрданд:

1. Мавҷуд будан баъзе ғалатҳои техникиву имлоӣ (саҳ. 5, 8, 21,23. )

2. Хуб мешуд, дар фасли "Падидаҳои шеъри нав дар эҷодиёти Лоиқ" ҳангоми таҳлилу баррасии шеъри нимоӣ ва шеъри озод, ҳунари шоирии Лоиқ дар сароидани ин қабил шеърҳо бо шоирони Эрон -Нодири Нодирур, Фурӯғи Фаррухзод, Нимо Юшич, Аҳмади Шомлу, ва монанди инҳо муқоиса мегардид.

Бо вуҷуди доштани баъзе камбудиҳои ҷузъӣ рисолаи илмии Раҳимов Холмаҳмад Баротович "Ҷустори ҳунарии Лоиқ Шералӣ дар шеъри муосири тоҷик ва фардияти эҷодии ӯ" тадқиқоти комили баанҷомрасида буда, ба талаботи КОА ҶТ ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ мебошад.

Ҳикматов Ҷумъабой Ҳакимович

н.и.ф., мудири кафедраи забонҳои

ДТТ ба номи академик М.С. Осимӣ

e-mail: orif2216@mail.ru

тел: 908441237

Имзои Ҳикматов Ҷ.Ҳ.-ро тасдиқ менамоям:

Сардори ШКваКМ Бадурдинов С. Т.